**“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”**
Ректори Муассисаи давлатии таълимии
“Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав”,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
Қурбонзода Маҳмадалӣ Раҳмат ________
__28__ ______08______ соли 2026

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Рустамзода Саодат Рустам дар мавзуи “Методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Рустамзода Саодат Рустам дар мавзуи “Методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” ба яке аз масъалаҳои мубрам ва муҳимми забоншиносии муосир, тарҷумашиносӣ ва истилоҳшиносӣ бахшида шудааст. Мавзуи таҳқиқот ба омӯзиши масъалаҳои назариявию амалии тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ нигаронида шуда, аҳаммияти хоси илмӣ ва амалӣ дорад. Аз лиҳози самти таҳқиқот, доираи масъалаҳои баррасишаванда ва натиҷаҳои бадастомада диссертатсияи мазкур ба рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ мутобиқати комил дорад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқи** мазкур, пеш аз ҳама, ба зарурати таҳияи заминаҳои назариявӣ ва методологии тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ дар шароити густариши робитаҳои илмӣ ва фарҳангии байнизабонӣ алоқаманд мебошад. Бо вуҷуди он ки дар забоншиносӣ ва тарҷумашиносии муосир масъалаҳои умумии тарҷумаи истилоҳот, хусусиятҳои ташаккул ва инкишофи низомҳои истилоҳӣ, муносибатҳои байнинизомӣ, инчунин, масъалаи муодилнокии истилоҳоти байнизабонӣ аз

ҷониби муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ мавриди таҳқиқи қарор гирифтаанд, масъалаи таҳия ва асоснок намудани методологияи мукаммали тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ дар заминаи муқоисаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ҳанӯз ба таври муназзам ва фарогир таҳқиқ нашудааст. Махсусан, норасоии як низоми ягонаи методологӣ, ки хусусиятҳои сохторӣ, маъноӣ, функсионалӣ ва фарҳангии истилоҳоти ду забонро ба назар гирифта, принсипҳо ва роҳу усулҳои интихоби муодилҳои муносибро муайян намояд, зарурати чунин таҳқиқотро боз ҳам бештар мегардонад.

Маҳз бо назардошти ин ниёзҳои илмӣ муаллифи диссертатсия масъалаи мазкурро ба таври пайгирона ва ҳадафмандона мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар рисола ҷанбаҳои таърихӣ, назариявӣ ва амалии ташаккул, инкишоф ва тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, хусусиятҳои муносибатҳои истилоҳии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ муайян карда шудаанд. Ҳамзамон, муаллиф кӯшиш намудааст, ки дар асоси таҳлили муқоисавии маводди забонӣ омилҳои таъсиррасон ба интихоби муодили истилоҳ, мушкилоти асосии интиқоли маънои истилоҳот ва роҳҳои бартараф намудани номувофиқатиҳо дар истилоҳоти байни ду забонро муайян созад. Арзиши таҳқиқ дар он низ ифода меёбад, ки натиҷаҳои бадастомада барои ташаккули заминаи методологии тарҷумаи истилоҳоти гуманитарӣ, такмили таҷрибаи тарҷумаи илмӣ ва таъмини дақиқию яknавохтии истифодаи истилоҳот дар муоширати илмии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мусоидат карда метавонанд.

**Дараҷаи асоснокунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд** нишон медиҳанд, ки хусусияти истилоҳоти гуманитарӣ дар бисёр ҳолатҳо истифодаи стратегияҳои тарҷумаи ғайримустақим, шарҳу тавзеҳ, мутобиқсозии маъноӣ ва фарҳангиро тақозо менамояд. Баръакс, дар тарҷумаи истилоҳоти соҳаҳои табиӣ-риёзӣ, ки бештар ба муносибатҳои дақиқи мафҳумӣ ва низоми нисбатан устувори номгузорӣ такя мекунанд, имконияти истифодаи

усулҳои мустақими тарҷума бештар ба назар мерасад. Ин фарқият ҳамчун яке аз хусусиятҳои муҳимми методологии тарҷумаи истилоҳоти соҳавӣ муайян карда шудааст. Натиҷаҳои бадастомада аз таҳқиқи диссертатсионӣ собит менамоянд, ки муаллиф ҳадафи асосии дар назди таҳқиқот гузошташударо муайян намуда, заминаҳои назариявӣ ва амалии методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ дар муқоисаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба таври пайгирона ва муваффақона асоснок намудааст.

Хулосаву тавсияҳои илмии диссертатсия, ки ба таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудаанд, дорои аҳаммияти назаррраси илмӣ-таълимӣ буда, метавонанд дар такмили раванди таълими як қатор фанҳои тахассусӣ ва байнисоҳавӣ мавриди истифода қарор гиранд. Аз ҷумла, маводди назариявӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот барои такмили муҳтавои курсҳои "Тарҷумашиносӣ", "Назария ва амалияи тарҷума", "Истилоҳшиносӣ", "Лексикология", "Лексикография", "Забоншиносии муқоисавӣ ва типологӣ", "Фарҳангнигорӣ" ва "Услубшиносӣ" заминаи илмии муносиб фароҳам меоранд. Ҳамчунин, онҳо метавонанд ҳангоми таҳияи курсҳои махсус оид ба тарҷумаи матнҳои илмӣ, тахассусӣ ва истилоҳоти соҳавӣ дар самти тоҷикӣ-англисӣ ва англисӣ-тоҷикӣ истифода шаванд.

Натиҷаҳои диссертатсия, инчунин, барои омода намудани мутахассисони сатҳи баланд аҳаммияти амалӣ дошта, метавонанд дар раванди таълими магистрантон, докторантон (PhD), таҳқиқотчиёни ҷавон ва такмили ихтисоси тарҷумонҳо, омӯзгорон ва мутахассисони соҳаҳои гуманитарӣ истифода гарданд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташудаи** диссертатсияи Рустамзода Саодат Рустам, пеш аз ҳама, дар таҳияи методологияи муназзами тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ дар

забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ифода меёбад. Дар доираи таҳқиқи анҷомдодашуда, бо назардошти хусусиятҳои сохторӣ, маъноӣ, функсионалӣ ва услубии ду забон, инчунин, омилҳои фарҳангӣ, маърифатӣ ва муоширатӣ, асосҳои методологии интиқоли дақиқ ва муносибати маънои истилоҳоти илмӣ аз як забон ба забони дигар муайян ва асоснок карда шудаанд. Муаллиф на танҳо равишҳои мавҷудаи тарҷумаи истилоҳотро мавриди таҳлил қарор додааст, балки кӯшиш намудааст, ки маҷмуи принсипҳо ва меъёрҳои мушаххаси татбиқи онҳоро дар раванди тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ пешниҳод намояд.

Ҷанбаи дигари муҳимми навгонии илмӣ дар муайян ва муназзам намудани меъёрҳои интихоби муодилҳои истилоҳот ифода меёбад. Дар диссертатсия муносибати маъноӣ, сохторӣ, функсионалӣ ва матнии истилоҳот ба назар гирифта шуда, омилҳои асосии муайянкунандаи мувофиқати муодилҳои тоҷикӣ ва англисӣ мушаххас карда шудаанд. Ҳамзамон, масъалаҳои меъёргузорӣ, мутобиқсозӣ ва ҳамгунсозии истилоҳот дар раванди тарҷума баррасӣ гардида, роҳу воситаҳои интихоби шакли муносибтарини истилоҳӣ бо такя ба хусусиятҳои низоми истилоҳии ҳар ду забон асоснок шудаанд.

Навгонии дигари таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф муносибати маҷмуавиро ба арзёбии сифати тарҷумаи истилоҳоти илмии гуманитарӣ пешниҳод намуда, робитаи байни маънои истилоҳ, сохтори забонӣ, вазифаи муоширатӣ ва муҳити истифодаи онро ба назар гирифтааст. Ин равиш имкон медиҳад, ки дар интихоби муодили истилоҳӣ на танҳо шабоҳати шаклии воҳидҳои забонӣ, балки мувофиқати мафҳумӣ ва функсионалии онҳо низ ба инобат гирифта шавад. Дар баробари ин, дар диссертатсия пешниҳодҳои мушаххаси илмӣ оид ба такмили равандҳои истилоҳсозӣ, ташаккул ва танзими низоми истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ, инчунин баланд бардоштани самаранокии тарҷумаи матнҳои илмӣ таҳия гардидаанд.

Нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, барои рушди ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ аҳаммияти назаррас доранд. Дар асоси таҳлили маводи назариявӣ ва забонии ду забон заминаҳои методологии тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ такмил дода шуда, таносуби мафҳумҳои «метод», «стратегия» ва «техника (равиш)»-и тарҷума дар низоми истилоҳоти тарҷумашиносӣ мушаххас ва аз лиҳози илмӣ асоснок карда шудааст. Ин имкон медиҳад, ки ҳар яке аз мафҳумҳои мазкур вобаста ба сатҳ, вазифа ва хусусияти татбиқ дар раванди тарҷума ба таври дақиқ фарқгузорӣ карда шаванд.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии диссертатсия** нишон медиҳанд, ки қисми зиёди истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ бинобар хусусиятҳои маъноӣ, фарҳангӣ ва сохтории худ дар байни забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ муодили комилан мувофиқ надоранд. Дар чунин ҳолатҳо, интиқоли дақиқи мазмун ва вазифаи муоширатии истилоҳ танҳо тавассути интихоби як воҳиди луғавии мустақим ҳамеша имконпазир нест. Аз ин рӯ, истифодаи маҷмуи таҳвилоти тарҷумавӣ дар сатҳҳои луғавӣ, дастурӣ ва услубӣ ҳамчун яке аз воситаҳои муҳимми таъмини муодилнокии тарҷума баромад менамояд.

Дар маҷмуъ, натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалии қобили таваҷҷуҳ буда, метавонанд барои такмили назария ва амалияи тарҷума, рушди истилоҳшиносӣ, муайян ва муназзам намудани муодилҳои истилоҳӣ, таҳияи фарҳангҳои дузабона ва соҳавӣ, такмили меъёрҳои истилоҳсозӣ ва меъёргузории истилоҳот истифода шаванд. Ҳамзамон, татбиқи натиҷаҳои таҳқиқ метавонад ба баланд бардоштани дақиқӣ, саҳеҳӣ ва сифати тарҷумаи матнҳои илмии гуманитарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мусоидат намояд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Дар диссертатсия дар асоси таҳлили муқоисавӣ муайян карда шудааст, ки истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ аз истилоҳоти соҳаҳои

табиӣ ва риёзӣ на танҳо аз ҷиҳати сохтор ва ташаккули маъно, балки аз лиҳози иртибот бо омилҳои фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва ҷаҳонбинии миллӣ низ фарқ мекунанд. Ин хусусиятҳо бевосита ба интихоби роҳу усул, стратегия ва воситаҳои мувофиқи тарҷума таъсир расонида, зарурати истифодаи муносибати соҳавию контекстиро дар интиқоли истилоҳоти гуманитарӣ муайян месозанд.

Яке аз натиҷаҳои муҳимми таҳқиқ муайян намудани марҳилаҳои "истилоҳгуна", "истилоҳшавӣ", "ҳазфи истилоҳ" ва "таҷдиди истилоҳ" ҳамчун равандҳои таъсиргузор ба ташаккул, тағйир ва бозсозии маънои истилоҳот мебошад. Муайян гардид, ки тағйироти мазкур метавонанд дар ҷараёни интиқоли истилоҳ аз як низоми забонӣ ба низоми дигар боиси тағйири мазмуни мафҳум, номувофиқии маъноӣ ва ба вуҷуд омадани ҳолатҳои тарҷуманопазирӣ гарданд. Аз ин рӯ, омӯзиши чунин равандҳо ҳамчун яке аз заминаҳои муҳим барои интихоби усули муносиб ва аз ҷиҳати илмӣ асосноки тарҷума арзёбӣ шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Саҳми шахсии диссертант дар таҳқиқи анҷомдодашуда пеш аз ҳама дар таҳияи заминаҳои назариявӣ ва методологии омӯзиши тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ, муайян намудани хусусиятҳои хоси ин раванд ва ба низом даровардани натиҷаҳои таҳқиқ зоҳир мегардад. Диссертант марҳилаҳои таърихии ташаккул ва рушди тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитариро ба таври давра ба давра таҳлил намуда, назарияи мутобиқати байнизабонии истилоҳотро муайян ва дараҷаҳои муодилнокии истилоҳиро гурӯҳбандӣ кардааст.

Яке аз самтҳои муҳимми саҳми илмии диссертант таҳқиқи масъалаи «тарҷуманопазирӣ» ва муайян намудани омилҳои асосии ба вуҷуд омадани мушкилоти тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ мебошад. Дар ин замина, хусусиятҳои низоми истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ дар муқоиса бо низоми истилоҳоти илмҳои дақиқ муайян гардида, таъсири падидаҳои

сермаъноӣ, омонимия ва муродифпазирӣ ба раванди тарҷума мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифтааст. Саҳми дигари муҳими диссертант дар омӯзиши марҳилаҳои ташаккули истилоҳ, аз ҷумла истилоҳгуна, истилоҳшавӣ, ҳазфи истилоҳ ва таҷдиди истилоҳ, ифода меёбад. Ҳамзамон, асимметрияи байнизабонӣ дар низоми истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ таҳлил гардида, хусусиятҳои истифодаи «дӯстони дурӯғини тарҷумон» ва таъсири онҳо ба дурустии интиқоли маънои истилоҳот муайян карда шудаанд.

Диссертант инчунин, шохаҳои асосии илмҳои гуманитариро тасниф намуда, роҳу усулҳои тарҷумаи истилоҳоти марбут ба онҳоро таҳлил кардааст. Дар асоси маводи воқеии забонӣ, ки аз матнҳои илмии тарҷумашудаи тоҷикӣ ва англисӣ интихоб гардидаанд, тарҷумаи истилоҳот аз ҷиҳати таҳвилҳои луғавӣ, дастурӣ ва услубӣ мавриди таҳлил ва муқоисаи илмӣ қарор гирифтааст. Ин имкон додааст, ки хусусиятҳои амалии интиқоли истилоҳот аз як забон ба забони дигар ва омилҳои таъсиррасон ба интихоби муодили тарҷумавӣ муайян карда шаванд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои асосӣ ва мазмуни илмии диссертатсия дар 27 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд, ки аз ин шумора 17 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ба феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомилбуда ба нашр расидаанд. 10 мақолаи дигар дар дигар нашрияҳои илмӣ, аз ҷумла, маҷмуаҳои маводди конференсияҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ интишор гардидаанд. Интишори васеи натиҷаҳои таҳқиқ шаҳодат медиҳанд, ки дастовардҳои илмии диссертатсия ба таври кофӣ дар муҳити илмӣ муаррифӣ гардида, мавриди баррасӣ ва арзёбии ҷомеаи илмӣ қарор гирифтаанд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Бо дарназардошти мазмун, ҳаҷм, сохтор,

дараҷаи таҳлили маводи назариявӣ ва амалии диссертатсия метавон қайд намуд, ки таҳқиқот ба дараҷаи зарурии илмӣ ба анҷом расидааст. Диссертатсия дорои ягонагии мақсаднок, мантиқи таҳқиқ ва натиҷаҳои илмии асоснок буда, ҳамчун кори мустақили илмӣ ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ мебошад. Аз ин рӯ, метавон хулоса кард, ки диссертатсия аз ҷиҳати мазмун ва дараҷаи анҷомёбӣ барои пешниҳод ва ҳимоя дар шакли муқарраргардида омода мебошад.

Диссертатсия аз муқаддима, панҷ боб, хулоса, тавсияҳои амалӣ, феҳристи адабиёти истифодашуда ва замимаҳо таркиб ёфта, сохтори он ба мақсаду вазифаҳои асосии таҳқиқот мувофиқ ва мантиқан пайваста ба роҳ монда шудааст. Муҳтавои диссертатсия пайдарпайии мантиқии таҳқиқотро таъмин намуда, робитаи байни масъалаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии мавриди баррасиро равшан месозад.

**Муқаддимаи** диссертатсия аз ҷиҳати сохтор ва муҳтаво ба талаботи муқарраршудаи таҳқиқоти илмӣ ҷавобгӯ буда, тамоми унсурҳои асосии муқаддимаи диссертатсияи доктириро дар бар мегирад. Дар он мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет, асосҳои назариявии таҳқиқ, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиб ва амалисозӣ, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия дарҷ гардидааст.

Муаллиф дар бахши муқаддимавии диссертатсия мубрамии мавзуи интихобшударо бо такя ба далелҳо ва андешаҳои илмӣ асоснок намуда, зарурати таҳқиқи ҳамаҷонибаи масъалаи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитариро дар заминаи муқоисаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ нишон додааст.

**Боби якуми** диссертатсия таҳти унвони **“Таърихи ташаккули марҳилаҳои тарҷума ва мушкилоти тарҷумаи истилоҳот дар тарҷумашиносӣ”** ба баррасии заминаҳои таърихӣ ва назариявии ташаккули тарҷума ва масъалаҳои интиқоли истилоҳот бахшида шудааст. Боб аз се фасли мустақил иборат буда, дар онҳо марҳилаҳои рушди фаъолияти тарҷумонӣ, ташаккули мактабҳои тарҷумавии форсу тоҷик ва аврупоӣ, навъҳои асосии тарҷума, масъалаҳои мутобиқати байнизабонӣ ва сатҳҳои муодилнокии истилоҳот мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Ҷанбаи қобили таваҷҷуҳи боби мазкур таҳлили хусусиятҳои истилоҳот дар раванди тарҷума ва муайян намудани омилҳое мебошад, ки ба ташаккул ва рушди низоми истилоҳӣ таъсир мерасонанд. Муаллиф роҳу усулҳои асосии интиқоли истилоҳотро дар заминаи муносибатҳои байнизабонӣ баррасӣ намуда, нақши тарҷумаро дар ташаккул, ғанӣ гардидан ва муназзамшавии захираи истилоҳии забон нишон медиҳад. Дар маҷмуъ, муҳтавои боби якум барои муайян намудани заминаҳои таърихию назариявии таҳқиқоти минбаъда заминаи зарурӣ фароҳам овардааст.

**Боби дуюми** диссертатсия таҳти унвони “**Мушкилоти тарҷуманопазирии истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ дар тарҷумашиносӣ**” яке аз самтҳои меҳварии таҳқиқотро фаро гирифта, ба баррасии омилҳо ва падидаҳое равона шудааст, ки ба интиқоли дақиқи истилоҳоти илмӣ аз як забон ба забони дигар монеа эҷод менамояд. Боб аз се фасл иборат буда, дар он масъалаҳои тағйирёбии маъно, инкишофи воҳидҳои истилоҳӣ ва сабабҳои асосии ба вуҷуд омадани ҳолатҳои тарҷуманопазирӣ дар заминаи муқоисаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳлил шудаанд.

Дар доираи ин боб муаллиф марҳилаҳои “истилоҳгуна”, “истилоҳшавӣ”, “ҳазфи истилоҳ” ва “таҷдиди истилоҳ”-ро ҳамчун равандҳои таъсиргузор ба ташаккул, тағйир ва инкишофи маънои истилоҳот мавриди таҳқиқ қарор додааст. Таваҷҷуҳи махсус ба чунин падидаҳои

забонӣ, аз қабили, сермаъноӣ, омонимия, муродифот, мутазод ва «дӯстони дурӯғини тарҷумон» равона гардида, хусусиятҳои зуҳури онҳо дар муносибати забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ муайян карда шудаанд.

**Боби сеюми** диссертатсия таҳти унвони **"Методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ дар тарҷумашиносӣ"** ба баррасии асосҳои назариявию методологии раванди тарҷума бахшида шуда, яке аз бахшҳои марказии диссертатсияро ташкил медиҳад. Боби мазкур аз ду фасли мустақил иборат буда, дар он мафҳумҳои бунёдии методологияи тарҷума, аз ҷумла, "метод", "стратегия" ва "техника (равиш)"-и тарҷума мавриди таҳлил қарор гирифта, ҳудуди мафҳумӣ, вазифа ва таносуби онҳо дар раванди тарҷума муайян карда шудааст.

Дар диссертатсия асоснок карда мешавад, ки истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ бинобар пайванди мустақим бо падидаҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ, таърихӣ, фалсафӣ ва ҷаҳонбинии ҷомеа, аксаран, дорои сохтори мураккаби маъноӣ буда, интиқоли онҳо аз як забон ба забони дигар муносибати серҷанбаву мафҳуми матниро тақозо менамояд. Аз ин рӯ, интихоби стратегияи тарҷума на ҳамеша метавонад бар асоси мувофиқати шаклии воҳидҳои забонӣ сурат гирад, балки бояд маънои мафҳумӣ, вазифаи муоширатӣ ва муҳити фарҳангии истилоҳ низ ба назар гирифта шавад.

**Боби чоруми** диссертатсия таҳти унвони **"Равиши тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ"** ба таҳлили амалии роҳу усулҳои интиқоли истилоҳоти соҳавӣ дар доираи забонҳои муқоисашаванда бахшида шудааст. Боби мазкур аз даҳ фасли мустақил иборат буда, аз ҷиҳати ҳаҷм, гуногунии маводди таҳлилӣ ва фарогирии соҳаҳои илмӣ яке аз қисматҳои асосӣ ва муҳимми таҳқиқ ба ҳисоб меравад.

Дар ин боб муаллиф маводди истилоҳии як қатор соҳаҳои марказии илмҳои гуманитариро, аз ҷумла, фалсафа, забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, таърих, фарҳангшиносӣ, ҷомеашиносӣ, сиёсатшиносӣ, равоншиносӣ,

педагогика, ҳуқуқшиносӣ, иқтисодиёт ва диншиносиро мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор додааст. Чунин доираи васеи маводди соҳавӣ имкон фароҳам овардааст, ки хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи тарҷумаи истилоҳоти соҳаҳои гуногун муайян гардида, вобастагии интихоби усули тарҷума аз хусусияти мафҳумӣ, сохторӣ, маъноӣ ва фарҳангии истилоҳот равшан карда шавад.

**Боби панҷуми** диссертатсия таҳти унвони “**Корбаст ва таҳлили истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ дар мисоли асарҳои “Lost Enlightenment” (“Маърифати гумшуда”)-и Фредерик Старр ва “Тоҷикон” (“Tajiks”)-и Бобоҷон Ғафуров ва таҳвилоти тарҷумаи онҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ**” ба таҳлили амалии масъалаҳои мавриди таҳқиқ бахшида шуда, аз се фасли мустақил иборат мебошад. Муҳтавои ин боб дар асоси маводди воқеии тарҷумавӣ натиҷаҳои назариявӣ ва методологии дар бобҳои қаблӣ пешниҳодшударо мавриди санҷиш ва арзёбӣ қарор медиҳад.

Интихоби асарҳои “Lost Enlightenment” (“Маърифати гумшуда”)-и Фредерик Старр ва “Тоҷикон” (“Tajiks”)-и Бобоҷон Ғафуров ҳамчун маводди таҳқиқотӣ аз лиҳози илмӣ асоснок буда, имконияти таҳлили доираи васеи истилоҳоти марбут ба таърих, фарҳанг, ҷомеа ва сиёсатро фароҳам овардааст. Муқоисаи матнҳои аслӣ ва тарҷумаҳои онҳо ба муаллиф имкон медиҳад, ки хусусиятҳои интиқоли истилоҳоти соҳавиро дар заминаи воқеии истифодаи забон муайян намуда, дараҷаи мувофиқати маъноӣ ва функсионалии муодилҳои интихобшударо арзёбӣ намояд. Дар доираи ин боб таҳвилоти тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ аз рӯйи се сатҳи асосӣ луғавӣ, луғавӣ-дастурӣ ва услубӣ тасниф ва таҳлил гардидаанд.

Хулоса ва натиҷаҳои бадастовардаи диссертатсиянавис Рустамзода С.Р. дар 21 банд ҷамъбаст гардида, мазмуну муҳтавои онҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ яке аз масъалаҳои мураккаб ва серҷанбаи тарҷумашиносии муосир ба шумор рафта, дорои

ҷанбаҳои ҳам назариявӣ ва ҳам амалии муҳим мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқ нишон медиҳанд, ки масъалаи мазкур дар робитаи зич бо таърихи ташаккул ва рушди тарҷума, таҳаввули низомҳои истилоҳӣ, хусусиятҳои муносибатҳои байнизабонӣ ва таъсири омилҳои фарҳангӣ баррасӣ карда мешавад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Рустамзода Саодат Рустам дар мавзуи “Методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” аз лиҳози сохтор, муҳтаво, тарзи таҳия ва барасмиятдарорӣ ба талаботи муқаррargardида нисбат ба диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ мутобиқ мебошад. Аз ҷумла, диссертатсия ба талаботи дар тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо пешбинишуда, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми декабри соли 2024, таҳти №493 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Диссертатсияи Рустамзода Саодат Рустам дар мавзуи “Методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” ба рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ пурра мувофиқат мекунад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Баробари дастовардҳои назарраси илмӣ, натиҷаҳои арзишманд ва хулосаҳои қолиби бадастомада, дар раванди омӯзиш ва арзёбии диссертатсия баъзе масъалаҳо ва норасоиҳои ҷузъӣ низ ба назар расиданд. Зикри онҳо на аз кам намудани арзиши умумии таҳқиқ, балки бо мақсади такмили минбаъдаи корҳои илмии муаллиф ва мусоидат ба рушди минбаъдаи самти таҳқиқоти ӯ муҳим арзёбӣ мегардад:

1. Ҳаҷми маводди назариявӣ нисбат ба таҳлили амалии маводи тарҷумавӣ бартарӣ пайдо кардааст (саҳ: 20, 29, 44, 78, 92). Бо назардошти хусусияти методологии таҳқиқ, дар баъзе бахшҳо овардани намунаҳои бештари муқоисавӣ аз матнҳои асливу тарҷумашуда метавонист хулосаҳои пешниҳодшударо боз ҳам возеҳтар ва далелноктар гардонад;

2. Дар таснифи усулҳо ва таҳвилоти тарҷума баъзе намунаҳо имкон доранд, ки, ҳамзамон, ба ду ё зиёда гурӯҳ мансуб дониста шаванд. Аз ин рӯ, муайян намудани меъёри ягона ва қатъии гурӯҳбандӣ барои чунин мавридҳо метавонист муназзами таснифоти пешниҳодшударо боз ҳам бештар таъмин намояд;

3. Истифодаи баъзе калимаҳо ва таркибҳо нодуруст ё ғайримеъёрӣ ифода ёфтаанд. Масалан: "мушкилотҳои зиёд" беҳтар: мушкилоти зиёд; "ифодакунандаи вазифаи номинативӣ" беҳтар: дорои вазифаи номинативӣ; "ба роҳ монда шуда" беҳтар: истифода мешавад; "ҳато" беҳтар: ҳатто; "рузмарра" беҳтар: рӯзмарра ва ғайра.

4. Дар матни диссертатсия баъзе истилоҳоти англисӣ хатои имлоӣ доранд, аз ҷумла: Indo-Europian дурусташ: Indo-European; inducsion дурусташ: induction; insurence дурусташ: insurance ва ғайра.

Дар маҷмуъ, эрод ва пешниҳодҳои зикршуда хусусияти ҷузъӣ ва тавсиявӣ дошта, ислоҳи онҳо метавонад ба боз ҳам такмил ёфтани ҷанбаҳои назариявию амалии таҳқиқ мусоидат намояд. Ба назар гирифтани ин эродҳо ҳангоми омода намудани монография ва корҳои илмии минбаъдаи муаллиф, бешубҳа, ба мукаммалтар гардидани мазмуну муҳтаво ва афзудани арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқоти анҷомдодашуда мусоидат хоҳад кард.

Бо вуҷуди камбудиҳои ҷузъии зикргардида, онҳо ба натиҷаҳои асосӣ, навгонии илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалии диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд. Муаллиф вазифаҳои асосии дар назди таҳқиқ гузошташударо дар сатҳи зарурии илмӣ иҷро намуда, ба ҳадафи муайяннамудаи таҳқиқ ноил гардидааст. Аз ин рӯ, эродҳои мазкур бештар хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши умумии илмии кори таҳқиқии Рустамзода Саодат Рустамро коҳиш намедиҳанд.

Муҳтавои автореферат бо мазмун ва натиҷаҳои диссертатсия мутобиқ буда, самтҳои асосии таҳқиқ ва дастовардҳои илмии онро ба таври возеҳ инъикос менамояд.

Аз лиҳози сохтор, мазмун, тарзи пешниҳоди натиҷаҳо ва барасмиятдарорӣ, автореферати мазкур ба талаботи муқаррарнамудаи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Дар маҷмуъ, диссертатсияи мавриди назар таҳқиқоти мукаммал ва арзишманди илмӣ буда, бо сатҳи баланди таҳлили назариявӣ, фарогирии маводди илмӣ ва аҳаммияти амалии натиҷаҳо фарқ мекунад. Муаллиф масъалаи мураккаби тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитариро дар заминаи муносибати байнисоҳавии забоншиносӣ, истилоҳшиносӣ ва тарҷумашиносӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, ба натиҷаҳои муҳимми илмӣ ноил гардидааст.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Рустамзода Саодат Рустам дар мавзуи “Методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ пешниҳод гардидааст, таҳқиқоти мукаммал ва дорои аҳаммияти назариявию амалии муҳим буда, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи диссертатсия Рустамзода Саодат Рустам ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси мазкур сазовор дониста мешавад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, тахия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва типологияи забони англисии Муассисаи давлатии таълимии

“Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” Тағоева Табассум Музафаровна омода шуда, дар ҷаласаи кафедраи назария ва типологияи забони англисӣ 27-уми августи соли 2026 муҳокима ва ҷонибдорӣ шудааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 11 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ **11 нафар** иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: **“тарафдор” – 11 нафар, “зид” – нест, “бетараф” – нест.**

Суратҷаласаи кафедра таҳти №1 аз 27. 08. 2026.

**РАИСИ ҶАЛАСА:**
доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи
забон ва адабиёти руси Муассисаи давлатии таълимии
“Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи
Носири Хусрав” **Юсупова Зарина Розиқовна**

Мудири кафедраи назария ва типологияи
Забони англисии МДТ “ДДБ ба номи Носири Хусрав”,
номзади илмҳои филологӣ **Олматова Шарофат Сафаралиевна**

**ЭКСПЕРТ:**
доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи
назария ва типологияи забони англисии МДТ
“ДДБ ба номи Носири Хусрав” **Тағоева Табассум Музафаровна**

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ, омӯзгори кафедраи
назария ва типологияи забони
англисии МДТ
“ДДБ ба номи Носири Хусрав” **Кабиров Лутфулло Абдусаломович**

Имзоҳои З.Р. Юсупова, Т.М. Тағоева, Ш.С. Олматова
ва Л.А. Кабировро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ “ДДБ ба номи Носири Хусрав” **Исҳоқзода Муслиҳиддин Маҳмараҷаб**

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67,
Тел: +992 (83222) 02-45-20; 02-22-53
E-mail: bgu1978@mail.ru
Сомона: www.bgu.edu.tj
“27” 08 соли 2026